**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосӣ 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (ш. Душанбе, 2026. – 39 саҳ.)**

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот. Мубрамияти мавзуи таҳқиқ аз зарурати таҳлили илмии равандҳои ташаккул ва таҳкими давлатдории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи меъёрҳои конститутсионӣ бармеояд. Таҷрибаи таърихии кишвар нишон медиҳад, ки барқарорсозии сулҳ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва гузариш ба марҳилаи рушди устувори давлатӣ бе такя ба пояҳои мустаҳками ҳуқуқӣ имконнопазир аст. Аз ин лиҳоз, арзёбии фаъолияти сулҳофарона дар доираи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ аҳаммияти махсуси назариявӣ ва амалиро касб менамояд.

Дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, масъалаи таносуби иродаи сиёсӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Сулҳ ва суботи миллӣ бояд на танҳо ҳамчун натиҷаи раванди сиёсӣ, балки ҳамчун падидаи дорои заминаи меъёрӣ ва институтсионалӣ таҳлил карда шаванд. Омӯзиши ин раванд имкон медиҳад, ки нақши Конститутсия, қонунгузорӣ ва институтҳои давлатӣ дар таъминӣ суботи сиёсӣ ва рушди устувор муайян гардад.

Ҳамзамон, дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, афзоиши таҳдидҳои амниятӣ, ифротгароӣ ва низоъҳои минтақавӣ, масъалаи ҳифзи сохти конститутсионӣ ва ваҳдати миллӣ аҳаммияти стратегӣ пайдо кардааст. Дар чунин шароит таҳқиқи асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофарона метавонад барои таҳияи механизмҳои самараноки ҳифзи амнияти миллӣ ва таҳкими давлатдорӣ хизмат намояд.

Илова бар ин, мавзуи таҳқиқ дорои аҳаммияти илмӣ мебошад, зеро дар илми ҳуқуқи конститутсионии миллӣ то ҳол масъалаи танзими ҳуқуқии фаъолияти сулҳофарона ба таври комплексӣ ва системавӣ баррасӣ нашудааст. Таҳқиқи мазкур ба пур намудани ин холигии назариявӣ равона гардида, замина барои рушди минбаъдаи таҳқиқоти соҳа ва такмили қонунгузории миллӣ фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, мавзуи интихобшуда бо воқеияти иҷтимоӣ, зарурати такмили низоми ҳуқуқии миллӣ ва таҳкими асосҳои давлати ҳуқуқбунёд иртиботи мустақим дошта, дорои аҳаммияти назариявӣ, амалӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Аз мазмуни автореферат бармеояд, ки муаллиф масъалаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун падидаи мураккаби сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба таври низомманд мавриди таҳлил қарор додааст. Тавре дар муқаддима зикр мегардад, ҳадафи асосии таҳқиқот омӯзиши асосҳои конститутсионӣ, механизмҳои ҳуқуқии ҳифз ва ҷойгоҳи ин фаъолият дар низоми давлатдории миллӣ мебошад.

Муаллиф фаъолияти сулҳофаронаро на танҳо ҳамчун раванд ё воқеаи таърихӣ, балки ҳамчун объекти мустақили танзими ҳуқуқӣ баррасӣ намуда, онро бо меъёрҳои Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва санадҳои соҳавӣ пайваст менамояд. Дар автореферат равшан инъикос ёфтааст, ки дар доираи таҳқиқ масъалаҳои барқарорсозии сохти конститутсионӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ, нақши созишномаи умумии сулҳ ва ташаккули мақоми Пешвои миллат ҳамчун институти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ таҳлил шудаанд. Хулосаҳо ва натиҷаҳои пешниҳодшуда дорои мантиқияти илмӣ буда, бо далелҳои назариявӣ ва маводи қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ тасдиқ шудаанд.

Дар маҷмуъ, аз мазмуни автореферат чунин хулоса бармеояд, ки кори диссертатсионӣ ба таҳкими фаҳмиши илмӣ дар бораи табиати ҳуқуқии фаъолияти сулҳофарона, мақоми Пешвои миллат дар Конститутсия ва

механизмҳои ҳифзи он равона гардида, кӯшиши низомноксозии назариявии ин падида дар доираи ҳуқуқи конститутсионӣ мебошад.

Бо вуҷуди сатҳи баланди илмии кор, дар автореферат баъзе масъалаҳои баҳснок мавҷуданд, аз ҷумла дар автореферат асосан таҷрибаи миллӣ баррасӣ гардидааст, аммо муқоисаи таҷрибаи Тоҷикистон бо кишварҳои дигар (масалан, давлатҳое, ки дорои мақоми махсуси сарвар ё институти монанд мебошанд) хеле маҳдуд аст. Таҳлили муқоисавӣ метавонист асоснокии назариявии хулосаҳо ва универсалӣ будани онҳоро тақвият бахшад.

Новобаста аз эродҳои зикршуда, бояд таъкид намуд, ки муаллиф вобаста ба мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон» таҳқиқоти мукаммал, пайгирона ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок анҷом додааст. Кори диссертатсионӣ бо муносибати эҷодкорона ва дар заминаи таҳлили амиқи назариявӣ ва меъёрӣ таҳия гардида, масъалаҳои муҳимми марбут ба табиати ҳуқуқӣ, заминаҳои конститутсионӣ, механизмҳои танзим ва ҳифзи фаъолияти сулҳофарона ба таври низомнок баррасӣ шудаанд.

Муаллиф фаъолияти сулҳофаронаро на танҳо ҳамчун падидаи сиёсӣ, балки ҳамчун объекти мустақили танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ таҳлил намуда, ҷойгоҳи онро дар низоми институтҳои давлатӣ, дар доираи ваколатҳои Сарвари давлат ва дар робита бо принсипҳои волоияти Конститутсия, соҳибихтиёрии давлатӣ ва ваҳдати миллӣ муайян кардааст. Дар таҳқиқ робитаи мантиқии фаъолияти сулҳофарона бо барқарорсозии сохти конститутсионӣ, таҳкими суботи сиёсӣ ва рушди давлати ҳуқуқбунёд ба таври асоснок нишон дода шудааст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқоти диссертатсионии Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон», ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо

қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Н. А. Холиқов

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5
Тел: (+992 237) 234-88-02. Сайт: www.iutet.tj
Почтаи электронӣ: dsx_ips@mail.ru
Тел.: 100400879

«Имзои Н.А. Холиқовро тасдиқ мекунам»

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус ДБССТ Ш.Н. Ҷураев

05. 03 2026.